**Шарҳи мухтасари назарсанҷӣ**
**оид ба "Ташаккули захира ва Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо дар солҳои 2014-2015"**
***(аз 29 феврал то 10 марти соли 2016)***

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон дар асоси Фармоиши Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2016 №2 оид ба ташаккули захира ва Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо дар солҳои 2014-2015 дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон назарсанҷӣ баргузор намуд.

Назарсанҷии мазкур, дар асоси мактуб аз 22-юми феврали соли 2016 №28.2-70/712 ва рӯйхати тасдиқгардида дар байни 56 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк ва 39 ташкилотҳои амонатии қарзии хурд гузаронида шуд. Назарсанҷӣ маълумотҳои давраи январ-декабри солҳои 2014-2015-ро дар бар мегирад. Дар пурсишнома 7 савол доир ба амалиётҳои қарзии ташкилотҳои қарзӣ ва 9 саволи дигар доир ба ташаккули захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо ҷой дода шуда буд. Натиҷаи ҷамъбасти назарсанҷии мазкур ба таври зерин баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар давраи январ-декабри соли 2015 бақияи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзӣ 10 968,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2014 ба маблағи 1 571,9 млн. сомонӣ ё 16,7 фоиз афзуданд. *(ниг. диаграмма ва ҷадвали 1.)*

***Диаграмма ва ҷадвали 1. Динамикаи тағйирёбии бақияи ҳаҷми қарзҳо дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/%)***




| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 (ҳаз. сомонӣ) | Соли 2015 (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Бақияи умумии қарзҳо дар давра,** **аз он ҷумла:** | **9 396 708,5** | **10 968 577,1** | **1 571 868,6** | **16,7** |
| бо пули миллӣ | 3 621 829,8 | 3823119,1 | 201 289,3 | 5,6 |
| бо асъори хориҷӣ | 5 774 878,7 | 7145458,0 | 1 370 579,3 | 23,7 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъовардашуда дар охири соли 2015 бақияи ҳаҷми қарзҳо бо пули миллӣ маблағи 3 823,1 млн. сомонӣ ва бо

асъори хориҷӣ бошад 7 145,6 млн. сомониро ташкил намуда, мутаносибан 201,3 млн. сомонӣ (5,6%) ва 1 370,6 млн. сомонӣ (23,7%) афзуданд. Дар ин давра афзоиши бештар дар бақияи ҳаҷми қарзҳо бо асъори хориҷӣ (23,7 фоиз) ба назар мерасад, ки чунин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби тағйирёбии қурби мубодилавии пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ ба миён омадааст, ниҳоят дар маҷмӯъ бақияи умумии ҳаҷми қарзҳои ташкилотҳои қарзиро дар соли 2015 нисбати соли 2014 ба 16,7 фоиз зиёд намудааст. *(ниг диагармmаи 2.)*

***Диаграммаи 2. Динамикаи бақияи ҳаҷми қарзҳо бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/%)***




Агар ба таркиби қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар давраи муқоисашаванда назар афканем гардиши воқеии ҳаҷми қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ мумкин аст, ки дар давраҳои дарозмӯҳлат то андозае сади роҳи татбиқи амалии сиёсати пулию қарзӣ дар самти иҷрои мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон гардад. Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида ҳаҷми қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар 12-моҳи соли 2015 бо дарназардошти тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбати асъориҳои хориҷӣ маблағи 12 206,2 млн. сомониро ташкил дода нисбат ба 12-моҳи соли 2014 дар ҳаҷми 400,1 млн. сомонӣ ё 3,4 фоиз афзоиш ёфт. Вале агар ин нишондиҳандаро бе дарназардошти тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ назар намоем дар 12-моҳи соли 2015 ҳаҷми қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ маблағи 10 377,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбати 12-моҳи соли 2014 ба -814,9 млн. сомонӣ ё -7,3 фоиз кам гардидааст. Чунин вазъи иқтисодро эҳсос менамоем, ки суръати гардиши иқтисоди кишвар ва талаботи бозорӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст. Аз ин лиҳоз камшавии ҳаҷми қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ метавонад то андозае сади роҳи рушди истеҳсолоти дохилӣ гардад ва дар маҷмӯъ суръати гардиши иқтисодро то андозае коста мегардонад. *(ниг ҷадвали 2.ва диаграммаи 3.)*

***Ҷадвали 2. Ҳаҷми қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти тағйирёбии қурб ва бе дарназардошти тағйирёбии қурб дар 12-моҳи солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/бо %)***

| | Соли 2014 бо назардошти қурб | *Соли 2014 бе назардошти қурб* | Соли 2015 бо назардошти қурб | *Соли 2015 бе назардошти қурб* | с. 2015 нисб.с.2014 бо назардошти қурб (ҳаз.сомонӣ) | с. 2015 нисб. с.2014 бе назардошти қурб *(ҳаз. сомонӣ)* | *с. 2015 нисб. с.2014 бо назардошти қурб* (бо%) | *с. 2015 нисб. с.2014 бе назардошти қурб (бо %)* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми қарзҳои додашуда дар давра (ҳаз. сомонӣ) | 11 806 078,2 | *11 192 759,9* | 12 206 208,9 | *10377804,3* | 400 130,7 | -814955,6 | *3,4* | *-7,3* |

Суръати гардиши иқтисод ва талаботи рӯзафзуни бозориро ба инобат гирифта пешниҳод менамоем, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти пешниҳоди қарзҳои воқеӣ ба соҳаҳои иқтисод ва дастгирии истеҳсолоти дохилӣ, аз ҷумла истеҳсоли молҳои воридот ивазкунанда таъсир расонад. Натиҷаи ин амал метавонад барои ноил гаштан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон (нигоҳдории сатҳи мӯътадили нархҳо) дар давраҳои дарозмӯҳлат замина гузорад.

***Диаграммаи 3. Динамикаи тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар 12-моҳи солҳои 2014-2015 (бо фоиз)***




Дар асоси маълумотҳои аз рӯи назарсанҷии 56 ташкилоти қарзӣ *(17 бонк ва 39 ташкилоти амонатии қарзии хурд)* ҷамъбастгардида мушоҳида мегардад, ки дар соли 2015 нисбати соли 2014 дар таркиби қарзҳои додашудаи ташкилотиҳои қарзии зикргардида ҳаҷми қарзҳои додашуда бо пули миллӣ -19,0 фоиз кам гардида, ҳаҷми қарзҳо бо асъори хориҷӣ бошад аз ҳисоби тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ 25,0 фоиз афзуд. Қобили қайд аст, ки дар соли 2015 ҳаҷми қарзҳои дарозмуддати додашудаи ташкилотҳои қарзӣ маблағи 5 483,9 млн. сомониро ташкил дода нисбати ҳамин давраи

соли 2014 9,6 фоиз афзуд. Вале ҳаҷми қарзҳои кӯтоҳмуддат бошад маблағи 4 472,8 млн. сомониро ташкил карда нисбати соли 2014 ба -15,4 фоиз кам гардид. Мувофиқи мушоҳидаҳо аз рӯи маълумотҳои ҷамъбастгардида бештари ҳаҷми қарзҳои дарозмуддати ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаи сохтмон таалуқ доранд. *(ниг. ҷадвали 3.)*

***Ҷадвали 3. Таркиби қарзҳои додашудаи дар 12-моҳи солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/ бо %)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Қарзҳои додашуда дар давра** | **11 806 078,2** | **12 206 208,9** | **400 130,7** | **3,4** |
| **аз ҷумла:** | | | | |
| ***бо пули миллӣ*** | ***5 809 093,3*** | ***4 707 642,7*** | ***-1101450,6*** | ***-19,0*** |
| ***бо асъори хориҷӣ*** | ***5 996 984,9*** | ***7 498 566,2*** | ***1 501 581,3*** | ***25,0*** |
| *Дарозмуддат* | *5 004 485,0* | *5 483 915,0* | *479 430,0* | *9,6* |
| *Кутоҳмуддат* | *5 286 815,7* | *4 472 805,0* | *-814 010,7* | *-15,4* |

Дар охири соли 2015 бақияи ҳаҷми қарзҳои ба соҳибкорӣ додашуда маблағи 4 551,9 млн. сомониро ташкил дода нисбати охири соли 2014 дар ҳаҷми -498,9 млн. сомонӣ ё -9,9 фоиз кам гардид. Агар ба таркиби бақияи қарзҳои ба соҳибкорӣ додашуда назар афканем дар охири соли 2015 бақияи қарзҳои ба соҳибкорӣ додашуда бо пули миллӣ маблағи 1 985,0 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ бошад маблағи 2 566,9 млн. сомониро ташкил доданд. Ин нишондиҳанда дар охири соли 2015 дар муқоиса ба охири соли 2014 бо пули миллӣ 16,3 фоиз афзудааст, вале бо асъори хориҷӣ бошад -23,2 фоиз кам гардид.

Қайд кардан бомаврид аст, ки аз рӯи мушоҳидаҳо бақияи қарзҳои ба соҳибкории истеҳсолӣ додашуда дар охири соли 2015 маблағи 1 519,9 млн. сомониро ташкил дода нисбати ба охири соли 2014 ҳамагӣ 0,1 фоиз афзоиш ёфтааст, аз ҷумла дар ин давра бақияи қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ бо пули миллӣ маблағи 610,7 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷи 909,2 млн. сомониро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар муқоиса ба охири соли 2014 бо пули миллӣ 18,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ -9,4 фоиз кам гардид. *(ниг. ҷадвали 4.)*

***Ҷадвали 4. Бақияи ҳаҷми қарзҳои ба соҳибкорӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ додашуда дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. смомнӣ/ бо %)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Бақияи ҳаҷми қарзҳои ба соҳибкорӣ додашуда** | **5 050 835,0** | **4 551 912,7** | **-498 922,3** | -9,9 |
| бо пули миллӣ | 1 706 881,0 | 1 985 037,7 | 278 156,7 | 16,3 |
| бо асъори хориҷӣ | 3 343 954,0 | 2 566 875,0 | -777 079,0 | -23,2 |
| аз ҷумла: | | | | |
| **Ба соҳибкории истеҳсолӣ додашуда** | **1 518 046,0** | **1 519 909,0** | **1 863,0** | **0,1** |
| бо пули миллӣ | 515 090,0 | 610 730,0 | 95 640,0 | 18,6 |
| бо асъори хориҷӣ | 1 002 956,0 | 909 179,0 | -93 777,0 | -9,4 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз рӯи 56 ташкилоти қарзии дар назарсанҷӣ иштироккнамуда бақияи умумии қарзҳои хурд дар охири соли 2015 маблағи 3 762,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбати охири соли 2014 ба -435,2 млн. сомонӣ ё -10,4 фоиз  кам гардид. Аз ҷумла бақияи қарзҳои хурд бо пули миллӣ дар охири соли 2015 ба 2 003,7 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ ба 1 758,5 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбати охири соли 2014 мутаносибан ба -90,7 млн. сомонӣ (-4,3%) ва -344,5 млн. сомонӣ (-16,4%) кам гардид. Дар 12-моҳи соли 2015 қарзҳои хурди додашуда бошад, маблағи 4 552,1 млн. сомониро ташкил дода нисбати 12-моҳи соли 2014 ба маблағи -569,8 млн. сомонӣ ё -11,1 фоиз кам гардид. Қобили қайд аст, ки ҳаҷми қарзҳои додашуда дар давра бо сомонӣ 11,8 фоиз афзуда бо асъори хориҷӣ -31,0 фоиз кам гардид. *(ниг. ҷадвали 5.).*

***Ҷадвали 5. Бақия ва қарзҳои хурди додашуда дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/бо%)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Бақияи умумии қарзҳои хурд (ҳаз. сомонӣ)** | **4 197 399,0** | **3 762 217,1** | **-435 181,9** | **-10,4** |
| бо пули миллӣ | 2 094 360,0 | 2 003 679,1 | -90 680,9 | -4,3 |
| бо асъори хориҷӣ | 2 103 039,0 | 1 758 538,0 | -344 501,0 | -16,4 |
| аз ҷумла: | | | | |
| **Қарзҳои хурди додашуда дар давра** | **5 121 883,0** | **4 552 038,1** | **-569 844,9** | **-11,1** |
| бо пули миллӣ | 2 380 289,0 | 2 661 587,1 | 281 298,1 | 11,8 |
| бо асъори хориҷӣ | 2 741 594,0 | 1 890 451,0 | -851 143,0 | -31,0 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида агар таркиби қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзиро аз рӯи соҳаҳои иқтисод гурӯҳбандӣ намоем, мушоҳида мегардад, ки бештари қарзҳо ба соҳаи истеъмолӣ, савдои хориҷӣ ва сохтмон равона шудаанд. *(ниг. диаграммаи 4.)*

***Диаграммаи 4. Динамикаи сохтори қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисод дар солҳои 2014-2015 (бо фоиз)***



Сохтори қарзҳои ташкилотҳои қарзии дар пурсиш иштироknamударо аз рӯи соҳаҳои иқтисод ба таври зерин шарҳ медиҳем, аз ҷумла:

***дар соли 2014*** ба соҳаҳои истеъмолӣ 23,2 фоиз, савдои хориҷӣ 18,1 фоиз, сохтмон 13,1 фоиз, кишоварзӣ 10,8 фоиз, хизматрасонӣ 10,2 фоиз, саноат 7,4 фоиз, нақлиёт 4,2 фоиз, ипотекӣ 3,6 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 2,3 фоиз, миёнаравии молиявӣ 1,9 фоиз ва дигар соҳаҳо 5,3 фоиз равона шудааст.

***дар соли 2015*** ба соҳаҳои истеъмолӣ 22,6 фоиз, сохтмон 15,9 фоиз, савдои хориҷӣ 15,6 фоиз, саноат 11,2 фоиз, кишоварзӣ 10,5 фоиз, хизматрасонӣ 7,4 фоиз, ипотекӣ 3,5 фоиз, нақлиёт 3,3 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 2,8 фоиз, миёнаравии молиявӣ 2,4 фоиз ва дигар соҳаҳо 5,2 фоиз дода шудааст. *(ниг. ҷадвали 6.).*

***Ҷадвали 6. Сохтори қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (бо фоиз)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|
| **Сохтори умумии қарзҳо аз рӯи соҳаҳо** | **100,0** | **100,0** | |
| Кишоварзӣ | 10,8 | 10,5 | -0,4 |
| Сохтмон | 13,1 | 15,9 | 2,8 |
| Саноат | 7,4 | 11,2 | 3,8 |
| Нақлиёт | 4,2 | 3,3 | -0,9 |
| хӯроки ҷамъиятӣ | 2,3 | 2,8 | 0,5 |
| Хизматрасонӣ | 10,2 | 7,4 | -2,8 |
| савдои хориҷӣ | 18,1 | 15,6 | -2,6 |
| миёнаравии молиявӣ | 1,9 | 2,4 | 0,6 |
| истеъмолӣ | 23,2 | 22,6 | -0,6 |
| Ипотекӣ | 3,6 | 3,5 | -0,1 |
| Дигар | 5,3 | 5,2 | 0,0 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардидаи ташкилоти қарзии дар назарсанҷӣ иштирокдошта фоизи миёнавазни қарзҳо дар соли 2015 нисбати соли 2014 ба 0,2 фоиз паст шуда 28,5 фоизи солонаро ташкил дод. Агар ба таркиби фоизи қарзҳои дар давра додашуда назар афканем, дар соли 2015 фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ 30,6 фоизи солонаро ташкил дода нисбати соли 2014 ба 0,4 фоиз зиёд шуд. Фоизи миёнавазни қарзҳо бо асъори хориҷӣ бошад дар соли 2015 ба 26,4 фоизи солона баробар шуда нисбати соли 2014 ба андозаи -0,8 фоиз кам гардид. *(ниг. диаграммаи 5 ва ҷадвали 7.).*

***Диаграммаи 5 ва ҷадвали 7. Фоизи миёнавазни қарзҳои дар давра додашуда дар солҳои 2014-2015 (бо фоиз)***




| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|
| **Фоизи миёнавазни қарзхо дар давра** | **28,7** | **28,5** | -0,2 |
| бо пули миллӣ | 30,2 | 30,6 | 0,4 |
| бо асъори хориҷӣ | 27,3 | 26,4 | -0,8 |

Мувофиқи малумотҳои ҷамъбастгардида бештари қарзҳои батаъхирафтодаи ташкилоҳои қарзӣ ба соҳаҳои истеъмолӣ, савдои хориҷӣ, сохтмон ва кишоварзӣ рост меояд. Мувофиқи талаботи иқтисод бояд ташкилотҳои қарзӣ бори дигар сиёсати қарзии худро таҳлил намуда ба соҳаҳои зикргардида мутобиқ ба талаботҳои бозорӣ қарзҳои дарозмӯҳлат ҷудо намоянд, чунки соҳаҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ дар назарсанҷи ишора намудаанд, ки бештари қарзҳояшон батаъир меафтад соҳаҳое мебошанд, ки хусусияти махсус доранд ва пешниҳоди қарзҳои кутоҳмуддату миёнамӯҳлат барои онҳо самаранок ба ҳисоб намеравад. Аз ин лиҳоз зарур мешуморем, ки дар самти сиёсати қарзии ташкилотҳои қарзӣ воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод намоянд. *(ниг. ҷадвали 8.).*

***Ҷадвали 8. Сохтори қарзҳои батаъхирафтодаи ташкилотҳои қарзи аз рӯи соҳаҳои иқтисод (бо фоиз)***

| Бештари қарзҳои батаъхирафтода ба кадом соҳаҳо тааллуқ доранд | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|
| кишоварзӣ | 11,4 | 12,2 | 0,8 |
| сохтмон | 17,6 | 12,3 | -5,3 |
| саноат | 8,8 | 7,9 | -0,9 |
| нақлиёт | 1,4 | 0,9 | -0,5 |
| хӯроки ҷамъиятӣ | 0,5 | 1,2 | 0,6 |
| хизматрасонӣ | 5,6 | 7,9 | 2,3 |
| савдои хориҷӣ | 12,4 | 12,8 | 0,4 |
| миёнаравии молиявӣ | 0,0 | 3,5 | 3,5 |
| истеъмолӣ | 22,2 | 19,3 | -3,0 |
| ипотекӣ | 0,4 | 2,6 | 2,2 |
| дигар | 9,9 | 10,9 | 1,0 |

Сохтори қарзҳои батаъхирафтодаи ташкилотҳои қарзии дар назарсанҷӣ иштирокдошта аз рӯи соҳаҳои иқтисод ба таври зерин мушоҳида гардид, аз ҷумла:

***дар соли 2014*** ба соҳаҳои истеъмолӣ 22,2 фоиз, сохтмон 17,6 фоиз, савдои хориҷӣ 12,4 фоиз, кишоварзӣ 11,4 фоиз, саноат 8,8 фоиз, нақлиёт 1,4 фоиз, хизматрасонӣ 5,6 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 0,5 фоиз ипотекӣ 0,4 фоиз ва дигар соҳаҳо 9,9 фоиз равона шудааст.

***дар соли 2015*** ба соҳаҳои истеъмолӣ 19,3 фоиз, савдои хориҷӣ 12,8 фоиз, сохтмон 12,3 фоиз, кишоварзӣ 12,2 фоиз, саноат 7,9 фоиз, хизматрасонӣ 7,9 фоиз, миёнаравии молиявӣ 3,5 фоиз, ипотекӣ 2,6 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 1,2 фоиз, нақлиёт 0,9 фоиз, ва дигар соҳаҳо 10,9 фоиз дода шудааст. *(ниг. диаграммаи 6.).*

***Диаграммаи 6. Динамикаи сохтори қарзҳои батаъхирафтодаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (бо фоиз)***




Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида дар соли 2015 шумораи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии дар назарсанҷи иштирокнамуда 424 944 ададро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба -38 154 адад ё -8,2 фоиз кам гардид. Дар соли 2015 теъдоди қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 306 804 адад ва бо асъори хориҷӣ 118 140 ададро ташкил намуд. Қобили қайд аст, ки шумораи қарзҳои додашуда бо пули миллӣ дар соли 2014 нисбати соли 2015 ба 23 345 адад ё 8,2 фоиз афзуда, теъдоди қарзҳо бо асъори хориҷӣ бошад -61 499 адад ё -34,2 фоиз кам гардид. *(ниг. ҷадвали 9.).*

***Ҷадвали 9. Шумораи қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (адад)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Шумораи умумии қарзҳои додашуда дар давра (адад)** | **463 098,0** | **424 944,0** | **-38 154,0** | **-8,2** |
| бо пули миллӣ | 283 459,0 | 306 804,0 | 23 345,0 | 8,2 |
| бо асъори хориҷӣ | 179 639,0 | 118 140,0 | -61 499,0 | -34,2 |

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида ҳаҷми маблағи умумии захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ ***аз ҳисоби фоидаи соли гузашта, фоидаи тақсимнашуда ва захираҳои таркибии сармояи асосӣ*** дар охири соли 2015 маблағи 310,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбати охири соли 2014 ба -35,9 млн. сомонӣ ё -10,4 фоиз кам гардид. Ин нишондиҳанда нокифоятии маблағҳои озодро дар ташкилотҳои қарзӣ барои банақшагирии қарзҳои қолабӣ ва эҳтимолияти камшавии фоиданокии ташкилотҳои қарзиро шаҳодат медиҳад, ки ба бӯҳронҳои пайдарпайи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. *(ниг. ҷадвали 10.).*

***Ҷадвали 10. Ҳаҷми умумии захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ** (аз ҳисоби фоидаи соли гузашта, фоидаи тақсимнашуда ва захираҳои таркибии сармояи асосӣ), **(ҳаз. сомонӣ/ бо %)***

| | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми маблағи умумии захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ (аз ҳисоби фоидаи соли гузашта, фоидаи тақсимнашуда ва захираҳои таркибии сармояи асосӣ) | 346 670,0 | 310 761,5 | -35 908,5 | -10,4 |

Мувофиқи маълумотҳои дастрасгардида ҳаҷми маблағи умумии захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ ***аз ҳисоби хароҷот дар ҳолати надоштани фоида ва захираҳои таркибии сармояи асосӣ*** дар охири соли 2015 маблағи 20,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбати охири соли 2014 ба -3,6 млн. сомонӣ ё -15,1 фоиз кам гардид. Ин нишондиҳанда низ аз нокифоятии маблағҳои озод дар ташкилотҳои қарзӣ барои банақшагирии қарзҳои қолабӣ ва аз эҳтимолияти камшавии фоиданокии ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад, ки ба бӯҳронҳои пайдарпайи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. *(ниг. ҷадвали 11.).*

***Ҷадвали 11. Ҳаҷми маблағи умумии захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ** (аз ҳисоби хароҷот дар ҳолати надоштани фоида ва захираҳои таркибии сармояи асосӣ), **(ҳаз. сомонӣ/ бо %)***

| Ҳаҷми маблағи умумии захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳои қолабӣ (аз ҳисоби хароҷот дар ҳолати надоштани фоида ва захираҳои таркибии сармояи асосӣ) | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| а.бо пули миллӣ (ҳаз. сомонӣ) | 23 850,8 | 20 249,6 | -3 601,2 | -15,1 |

Аз маълумотҳои ҷамъовардашуда мушоҳида мегардад, ки дар соли 2015 маблағи умумии зарари гирифташудаи ташкилотҳои қарзии дар назарсанҷии мазкур иштирокдошта маблағи 1 810,6 млн. сомониро

ташкил дода, нисбати соли 2014 ба маблағи 585,5 млн. сомонӣ ё 47,8 фоиз зиёд гардид. Нишондиҳандаи мазкур аз паст шудани сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи муфлисшавии мизоҷон ва таъсири тағйирёбии ҳолати бозорҳои молиявии кишварҳои шарики иқтисодии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст. *(ниг. ҷадвали 12.).*

**Ҷадвали 12. Ҳаҷми умумии маблағи зарари гирифташуда аз ҳисоби ташаккули ФПТИаз рӯи қарзҳо (ҳаз. сомонӣ/ бо %)**

| | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии зарари гирифташуда аз ҳисоби ташаккули ФПТИ аз рӯи қарзҳо (ҳаз. сомонӣ) | 1 225 055,4 | 1 810 591,5 | 585 536,1 | 47,8 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастшуда маблағи умумии даромади гирифташуда аз ҳисоби барқарорсозии ФПТИ, яъне кам кардани ФПТИ аз рӯи қарзҳо аз ҳисоби барқарорсозии арзиши дороиҳо дар соли 2015 маблағи 895,5 млн. сомониро ташкил намуда нисбати соли 2014 ба 585,1 млн. сомонӣ ё 1,8 маротиба афзуд. Афзоиши ин нишондиҳанда аз ҳисоби захираи гирифташуда бо пули миллӣ 548,2 млн. сомонӣ ё 1,9 маротиба ва аз ҳисоби захираи гирифташуда бо асъори хориҷӣ 36,8 млн. сомонӣ ё 1,1 маротиба мебошад. *(ниг. ҷадвали 13.).*

**Ҷадвали 13. Маблағи умумии даромади гирифташуда аз ҳисоби ташаккули ФПТИ (ҳаз. сомонӣ/ бо %)**

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии даромади гирифташуда аз ҳисоби барқарорсозии ФПТИ аз рӯи қарзҳо (кам кардани ФПТИ аз ҳисоби барқарорсозии арзиши дороиҳо) | **310 461,7** | **895 545,3** | **585 083,6** | **188,5** |
| бо пули миллӣ | 277 768,9 | 826 020,0 | 548 251,1 | 197,4 |
| бо асъори хориҷӣ | 32 692,8 | 69 525,3 | 36 832,5 | 112,7 |

Дар асоси маълумотҳои ҷамъбастгардида маблағи умумии ФПТИ аз рӯи қарзҳо дар соли 2015 маблағи 2 214,6 млн. сомониро ташкил дода нисбати соли 2014 ба 925,2 млн. сомонӣ ё 71,8 фоиз афзоиш ёфт. Дар охири соли 2015 маблағи умумии ФПТИ аз рӯи қарзҳо бо пули миллӣ 741,7 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 1 472,9 млн. сомониро ташкил намуда мутаносибан ба 262,1 млн сомонӣ ё 54,6 фоиз ва 663,2 млн. сомонӣ ё 81,9 фоиз афзоиш ба назар мерасад.

*Маблағи умумии ФПТИ барои қарзҳои ғайриқолабӣ.* Дар соли 2015 маблағи 541,4 млн. сомниро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба 526,2

млн. сомонӣ афзуд, аз ҷумла бо пули миллӣ 410,4 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 131,1 млн. сомонӣ, ки мутаносибан дар ҳаҷми 406,5 млн. сомонӣ ва 119,7 млн. сомонӣ зиёд гардид.

*Маблағи умумии ФПТИ барои қарзҳои шубҳанок.* Дар соли 2015 маблағи 583,6 млн. сомниро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба 495,3 млн. сомонӣ афзуд, аз ҷумла бо пули миллӣ 87,4 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 496,1 млн. сомонӣ, ки мутаносибан дар ҳаҷми 78,7 млн. сомонӣ ва 487,4 млн. сомонӣ зиёд гардид.

*Маблағи умумии ФПТИ барои қарзҳои хатарнок.* Дар соли 2015 маблағи 211,3 млн. сомниро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба 262,8 млн. сомонӣ афзуд, аз ҷумла бо пули миллӣ 170,6 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 92,2 млн. сомонӣ, ки мутаносибан дар ҳаҷми 60,5 млн. сомонӣ афзуда -9,0 млн. сомонӣ кам гардид.

*Маблағи умумии ФПТИ барои қарзҳои беэътимод.* Дар соли 2015 маблағи 1 137,3 млн. сомниро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба 168,6 млн. сомонӣ афзуд, аз ҷумла бо пули миллӣ 373,8 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 763,5 млн. сомонӣ, ки мутаносибан дар ҳаҷми 89,0 млн. сомонӣ ва 79,6 млн. сомонӣ афзуд. *(ниг ҷадвали 14.).*

***Ҷадвали 14. Гурӯҳбандии сохтори таркибии маблағи умумии ФПТИ аз рӯи қарзҳо дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| **Маблағи умумии ФПТИ аз рӯи қарзҳо (ҳаз. сомонӣ)** | **1 289 330,5** | **2 214 582,7** | **925 252,3** |
| бо пули миллӣ | 479 648,8 | 741 717,4 | 262 068,6 |
| бо асъори хориҷӣ | 809 681,7 | 1 472 865,3 | 663 183,7 |
| аз он ҷумла: | | | |
| ***Ғайриқолабӣ*** | ***15 190,3*** | ***541 446,9*** | ***526256,6*** |
| бо пули миллӣ | 3 908,4 | 410 403,3 | 406494,9 |
| бо асъори хориҷӣ | 11 281,9 | 131 043,6 | 119761,7 |
| ***Шубҳанок*** | ***88 295,0*** | ***583573,3*** | ***495278,3*** |
| бо пули миллӣ | 79 565,5 | 87 440,0 | 7874,5 |
| бо асъори хориҷӣ | 8 729,5 | 496 133,3 | 487403,8 |
| ***Хатарнок*** | ***211 325,1*** | ***262 811,0*** | ***51485,9*** |
| бо пули миллӣ | 110 157,0 | 170 651,4 | 60494,4 |
| бо асъори хориҷӣ | 101 168,1 | 92 159,6 | -9008,5 |
| ***Беэътимод*** | ***968 693,8*** | ***1 137 323,3*** | ***168629,5*** |
| бо пули миллӣ | 284 812,9 | 373 834,3 | 89021,4 |
| бо асъори хориҷӣ | 683 880,9 | 763 489,0 | 79608,1 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида маблағи умумии дороиҳои аз тавозун хориҷшудаи ташкилотҳои қарзии дар

назарсанҷии мазкур ширкатварзида дар соли 2015 маблағи 99,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба -3,6 млн. сомонӣ ё -3,5 фоиз кам гардид. Ҳаҷми дороиҳои аз тавозун хориҷнамудаи ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2015 бо пули миллӣ 23,3 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ бошад 76,0 млн. сомониро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 нисбати соли 2014 бо пули миллӣ -21,1 млн. сомонӣ ё -47,6 фоиз кам шуда бо асъори хориҷӣ бошад 17,4 млн. сомонӣ ё 29,8 фоиз афзуд. *(ниг. ҷадвали 15.).*

***Ҷадвали 15. Тағйирёбии маблағи умумии дороиҳои аз тавозун хориҷшудаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/бо%)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Маблағи умумии дороиҳои аз тавозун хориҷшуда (ҳаз. сомонӣ)** | ***102 939,0*** | ***99302,8*** | ***-3636,2*** | **-3,5** |
| бо пули миллӣ | 44 358,2 | 23 263,6 | -21094,6 | -47,6 |
| бо асъори хориҷӣ | 58 580,8 | 76 039,2 | 17458,4 | 29,8 |

Дар соли 2015 маблағи умумии дороиҳои барқароршудаи ташкилотҳои қарзии дар назарсанҷии мазкур иштирокдошта маблағи 14,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбати соли 2014 ба 33,7 млн. сомонӣ ё -70,3 фоиз кам гардиданд. Дар соли 2015 барқарор кардани маблағи дороиҳо бо пули миллӣ 8,2 млн. сомониро ташкил дода нисбати соли 2014 ба 35,4 млн. сомонӣ ё -81,2 фоиз кам гардид. Вале аз ҳисоби барқарорсозии дороиҳо бо асъори хориҷӣ 6,0 млн. сомониро ташкил дода нисбати соли 2014 1,6 млн. сомонӣ ё 38,2 фоиз афзуд. *(ниг. ҷадвали 16.).*

***Ҷадвали 16. Тағйирёбии маблағи умумии дороиҳои барқароршудаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (ҳаз. сомонӣ/бо%)***

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 | Соли 2015 | Тағйирот (ҳаз. сомонӣ) | Тағйирот (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| **Маблағи умумии дороиҳои барқароршуда (ҳаз. сомонӣ)** | ***47 937,9*** | ***14239,9*** | ***-33698,0*** | **-70,3** |
| бо пули миллӣ | 43 574,9 | 8 210,7 | -35364,2 | -81,2 |
| бо асъори хориҷӣ | 4 363,0 | 6 029,2 | 1666,2 | 38,2 |

Дар назарсанҷии мазкур, ки 56 ташкилоти қарзӣ иштирок намудааст, онҳо нуқтаи назари худро нисбати сабабҳои зарари гирифтаашонро аз амалиётҳои қарзӣ чунин шарҳ доданд: 38 ҷавоб ё 79,2 фоизи респондентон сабаби зарари гирифтаашонро муфлисшавии мизоҷон, 9 ҷавоб ё 18,8 фоиз сиёсати нодурусти қарздиҳӣ, 6 ҷавоб ё 12,5 фоиз ба талабот мутобиқ набудани Кодекси андоз, 1 ҷавоб ё 2,1 фоиз

номутобиқатии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва 18 ҷавоб ё 37,5 фоиз дигар сабабҳоро асос овардаанд. Қобили қайд аст, ки нисбати ин саволи пурсишнома респондентон метавонанд як ё якчанд ҷавобро интихоб намоянд, чунки сабабҳои зарари гирифтаи онҳо гуногун мебошанд. *(ниг. ҷадвали 17.).*

***Ҷадвали 17. Сабабҳои зарари гирифташуда аз амалиётҳои қарзӣ дар солҳои 2014-2015 (нафар/бо%)***

| Нишондиҳандаҳо | Ҷавоби респондентон | Фоизи ҷавобҳо аз ҳаҷми умумӣ |
|---|---|---|
| **Сабабҳои зарари гирифташуда** | **48** | |
| а.сиёсати нодурусти қарздиҳӣ | 9 | 18,8 |
| б. муфлис шудани мизоҷ | 38 | 79,2 |
| в. ба талабот мутобиқ набудани Кодекси андоз | 6 | 12,5 |
| г. санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ | 1 | 2,1 |
| д. дигар | 18 | 37,5 |

***Хулоса:*** Аз таҳлили назарсанҷии мазкур мушоҳида гардид, ки дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти амалиётҳои қарзӣ ва ташаккули фПТИ аз рӯи қарзҳо як қатор мушкилотҳои зерин ҷой доранд:

- рӯз аз рӯз мунтазам паст шудани сифати қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ ;
- идоракунии номутаносиб дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ташкилотҳои қарзӣ;
- дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ эҳтимолияти баланд шудани хавфи асъорӣ вуҷуд дорад, азбаски қисми зиёди қарзҳо бо асъори хориҷӣ дода шудааст;
- то андозае мувофиқ набудани сиёсати қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба талаботҳои имрӯзаи бозори молия ва хусусан бозори қарзӣ.

**Пешниҳодҳо барои солимгардонӣ:**

- беҳтар кардани сифати дороиҳо бо роҳи кам намудани ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтода;
- зиёд намудани дороиҳои даромаднок ва такмил додани тартиб ва сиёсати қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ;
- истифодаи самараноки воситаҳои озоди ташкилотҳои қарзӣ барои гузаронидани амалиётҳои қарзӣ;
- баланд бардоштани сатҳи идоракунии дороиҳою уҳдадориҳо ва такмили низоми идоракунии хавфҳо;

- пешниҳод намудани тавсияҳо аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон барои беҳтар намудани сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ;

- тибқи пешниҳоди ташкилотҳои қарзӣ мукамал гардонидани Дастурамали №177 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифродаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо";

- тибқи пешниҳоди ташкилотҳои қарзӣ дар ҳамоҳангӣ бо Ассотсиатсия бонкҳои Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Ташкилотҳои маблағгузории хурд омода гардонидани лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ.

Бо эҳтиром,
Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ
ва бозомӯзии кормандон
тел: (44)-600-31-06

## Пешниҳоди ташкилотҳои қарзӣ

***Саволи 9 аз Пурсишнома:*** Бо мақсади кам намудани зарар ва фоидаовар фаъолият намудани ташкилоти қарзӣ дар кадом қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ворид намудани тағйироту иловаҳоро зарур мешуморед? (кадом модда ва асос барои тағйирот ворид намудан):

**1. БДА ҶТ "Амонатбонк":**

1. Дар моддаи 115-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани банди 4 ба маврид мебошад (оиди ҳиссаҷудокуниҳо аз рӯи қарзҳое, ки дар захира зиёда аз ду сол пас аз анҷом ёфтани мӯҳлати пешбининамудаи шартномаи қарзӣ нигоҳ дошта шудаанд);

2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолият оид ба руёнидани қарзи мӯҳлати пардохташ гузашта". Асос барои гузаронидани тағйиру иловаҳо ҳимояи манфиатҳои қарздиҳандагон ва ситонандагон, инчунин мукаммал намудани муносибатҳои баргардонии қарзҳои додашуда мебошад;

3. БДА ҶТ "Амонатбонк" ҳамчун бонкӣ давлатӣ то имрӯз дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" фаъолият дорад. Дар бисёр мавридҳои фаъолият ба мушкилиҳо дар самти фурӯш, ба иҷора додан ва аз тавозун хориҷ намудани амволи Бонк дучор гардида, ба Қонуни алоҳида "Дар бораи фаъолияти бонки давлатӣ" ва дар замина ба имтиёзҳо ҳамчун бонки давлатӣ эҳтиёҷ дорад;

4. Хуб мешуд, ки Бонкии миллии Тоҷикистон меъёри кифоятии сармоя К1-2 ба таври истисно барои Амонатбонк ба андозаи 2 банди фоизӣ кам менамуд;

5. Вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷаҳонӣ муосир ва пешгирии таъсири бухрони молиявии ҷаҳонӣ андоз аз фоида нисбати Амонатбонк ба андозаи 50% кам карда шавад. Гарчанде андоз аз фоида айни замон тибқи Кодекси андози ҷумҳурӣ ба андозаи 24% муқаррар шуда бошад ҳам, дар асл 43-44%-ро ташкил медиҳад;

6. Масъалаи дигаре, ки боиси баҳсу нофаҳмиҳо байни мақомоти андоз ва бонкҳо гардидааст, ин манбаи андозбандии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард мебошад. Зеро тибқии талаботи мақомоти андоз бояд гардиши ҳисобҳои 42208 «Даромад аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ» ва 53107 «Хароҷот аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ» пурра бояд баҳисоб гирифта шавад, на фарқияти онҳо ва бонкҳо имконияти пардохти чунин маблағҳоро надоранд;

7. Бо мақсади дастгирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити кунунии таъсири манфии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, агар ба зербанди б) банди 21-и Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» тағирот ворид карда шуда, фоизи қарзи субординарӣ на зиёда аз меъёри фоизи бозтамвилии БМТ муқаррар карда шавад, ба манфиати низоми бонкии кишвар мебошад.

**2. ҶСК "Бонки Эсхата":**

1.Мутобики банди 32-и Дастурамали Ns177 аз рӯи таснифи қарзҳо барои ҳар як гуруҳи қарзҳо ва инчунин қарзҳое, ки як маротиба тамдид гардида шудааст фоизҳои ташкили ФТПИ муайян карда мешавад.

Бинобар аз таъсири бӯҳрони молиявӣ, бисёр гаштани дархостҳо оид ба тамдидгардонии қарзҳои ҷории мизоҷон пешниҳод дода мешавад, ки муваққатан то ба эътидол омадани вазъи шароити иқтисодӣ тағйирот дар Дастурамали "177 оид ба ташкил намудани ФПТИ барои қарзҳои 1 маротиба тамдидшуда дида баромада шавад;

2. Ҳангоми таснифоти гурӯҳи қарзҳо таъминоти қарз ба назар гирифта мешавад, яъне дар ҳолати таъмин набудани қарз он ба гурӯҳи як зина баланд таснифот карда мешавад.

Пешниҳод дода мешавад, ки ҳангоми таснифоти қарз таъминоти он баэътибор гирифта нашавад;

3. Дар шакли аризаи қарзӣ ризоияти хаттии қарзгир (субекти таърихи қарз) оиди доду гирифти маълумот дар бораи мизоҷ бо БҚИТ гирифта мешавад, инчунин мутобиқи тартиботҳои дохила ҳар як ариза дар базаи БҚИТ санҷида мешавад.

Пешниҳод дода мешавад, ки банди $32^1$аз байн бардошта шавад;

4. Қарзҳои таснифшуда танҳо баъди пурра иҷро кардани ӯҳдадориҳои муштарӣ (аз рӯи маблағи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшуда) ва дар давоми 6 моҳ бе вайронкунӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ аз рӯи шартнома аз нав таснифкарда шуда ба гурӯҳи хавфи пасттар гузаронида мешаванд ва Фонд мувофиқи онҳо кам карда мешавад.

Бо мақсади кам намудани маблағи барои ФПТИ равонашаванда пешниҳод медиҳем, ки дар ҳолати пурра иҷро намудани ӯҳдадориҳои муштарӣ аз нав тасниф намудани қарзҳо дар моҳи оянда амалӣ карда шавад;

5. Ҳангоми бар ивази қарз ба тавозун қабул намудани гарав, онҳо ҳамчун шубҳанок тасниф шуда аз рӯи чунин гаравҳои қабул кардашуда ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст ба андозаи 30 фоиз фонд ташаккул диҳад ва агар гаравҳои дар тавозун барои бозфурӯш қабулшуда дар муддати 6 моҳ фурӯхта нашаванд он гоҳ онҳо ҳамчун дороиҳои беэътимоди

ҳосила аз қарз тасниф шуда аз рӯи онҳо ба 100 фоизи арзиши онҳо фонд ташкил карда мешавад.

Аз сабаби таъсири бӯҳрони молиявӣ теъдоди молу мулки ба тавозун қабулшаванда зиёд шуда фурӯши он мушкил шудааст. Бинобар ин беҳтар мегардад, ки пас аз сипарӣ шудани меъёри 6-моҳа ташаккули ФПТИ дар ҳаҷми 30 фоиз аз боқи монад.

3. Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар ш. Душанбе;

1. Моддаи 129-и Кодекси андози ҶТ хориҷ карда шавад. (андозбандии дукарата мебошад, ки андоз аз даромадро ба 39% мерасонад);

2. Дар банди 34-и Дастурамали 177 калимаҳои "6 моҳ" ба "30 рӯз" иваз карда шавад.

**3.ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон":**

1. Дар дастурамали №177 БМТ байни бандҳои 25 ва 32 мухолифат дида мешавад, оиди гурӯҳбандии қарзҳои як маротиба тамдид шуда;

2. Дар дастурамали №177 БМТ бандҳои 35 ва 36 оиди ҳисоби ФПТИ;

3. Аз байн бурдани банди 34 дастурамали №177 БМТ;

4. Аз байн бурдани фоизи банди 11 дастурамали №177 БМТ;

5. Дар дастурамали №177 БМТ ворид намудан дар сатҳи ҷоизи тахминнамоӣ амволи ғайриманқули суғурта нашуда сатҳи ҷоизи таъминнамоии 24% шавад;

6. Аз байн бурдан ё ин ки кам кардани ташкили фонд ба гарав банди 38 дастурамали №177.

**4. ҶСП ТАКХ "Имон Интернешнл":**

1. Бо мақсади кам намудани зарар ва фоидаовар фаъолият намудани ташкилоти қарзӣ дар кадом қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ворид намудани тағйироту иловаҳоро зарур мешуморед? (кадом модда ва асос барои ворид намудан):

**Пешниҳодҳо оиди Кодекси Андоз**

<u>- Мутобиқи муқаррароти банди 4 моддаи 1</u>15 бо даромади ташкилотҳои қарзӣ дохил намудани маблағи ФПТИ аз руи қарзҳое, ки зиёда аз 2 сол пас аз анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоднамуда пешбинӣ гардидааст, беасос буда дар таҷрибаи ҷаҳонӣ чунин тарзи андозбандӣ вуҷуд надорад. Ҳоло он ки фонди мазкур баъди баргаштани қарз ба даромад дохил шуда манбаи андозбандӣ ҳисобида мешавад. Ҳамзамон чунин талабот ва тарзи андозбандӣ бар хилофи принсипҳои асосии Кумитаи Базелӣ мебошад.

<u>- Муқаррароти қисми 3 моддаи 115 пешбинӣ кардааст:</u>

Бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба тарҳи 90 фоизи ҳиссаҷудокуниҳо ба захира барои пӯшонидани талафҳои эҳтимолӣ доир ба қарзҳо (минбаъд - захира) мувофиқи қоидаҳои ташаккули ин захира ва таснифи қарзҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ба истиснои қарзҳои стандартӣ, қарзҳое, ки барои мақсадҳои лизинг ё таъминоти бегарав, қарзҳои ба фоидаи тарафҳои бо ҳам алоқаманд ё ин ки тибқи ӯҳдадориҳои тарафҳои бо ҳам алоқаманд ба шахсони сеюм дода шудаанд.

Боиси тазаккур аст, ки имруз рушди соҳаи бонки ба зиёд шудани миқдори қарзҳои бетаъминот оварда расонидааст. Пешниҳоди қарзҳои бетаъминот ба рушди соҳаи маблағгузории хурд дар маҳалли деҳот мусоидат карда истодааст. Бинобар ин баҳри рушди босуботи соҳаи маблағгузории хурд пешниҳод менамоем, ки қарзҳои бетаъминот низ ба тарҳи 90 фоизи ҳиссаҷудокуниҳо ба захира барои пӯшонидани талафҳои эҳтимолӣ бурда шаванд.

<u>- Муқаррароти қисми 5 моддаи 115 пешбинӣ кардааст:</u>

«Захираҳои ташкилшаванда доир ба қарзҳои беэътимод (шубҳанок) наметавонанд, ки аз 10 фоизи даромади дар давраи ҳисоботӣ ба дастовардашуда зиёд бошанд.

Бояд қайд намуд, ки меъёр барои хароҷотҳои мазкур дар қисми 3 ҳамин модда алакай муқаррар гардидааст, ва ташакулдиҳии фонд барои пушонидани талафотҳои имконпазир аз руи қарзҳо ба талаботҳои стандартҳои Кумитаи Базелӣ мувофиқ мебошад. Чуноне, ки маълум аст ҳолатҳои ғайричашмдошт аз ҷумла паст гаштани пардохтпазирии қарзгирандагон вобаста ба буҳрони молиявию иқтисодӣ, ворид нагаштани молу маҳсулоти воридотӣ бо сабабҳои бумбасти комуникатсионӣ ташкилотҳои қарзиро водор месозанд, ки тағйирёбии сифати қарзҳои додашударо ба назар гирифта, хавфу хатари қарзгирон ва қарздиҳандаро таъмин намоянд. Бо назардошти далелҳои баёншуда зарурияти аз эътибор соқит кардани қисми 5 моддаи 115 ба вучуд меояд.

***Пешниҳодҳо оиди Дастурамали №177 «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фоизи пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо»***

Тибқи банди 34 ҳангоми бар ивази қарз ба тавозуни бонк қабул кардани гарав ҳамчун шубҳанок тасниф шуда, ташаккули фонд 30% пешбинӣ шудааст ва агар дар муддати 6 моҳ фурӯхта нашавад, он гоҳ ҳамчун беэътимод тасниф шуда, аз рӯи он 100% ташаккули фонд пешбинӣ шудааст. Чуноне маълум аст, алалхусус дар шароити ҳозираи

бӯхрони иқтисодӣ фурухтани амволи гарав дар ин мӯҳлат басо мушкил аст. Аз ин лиҳоз ташкили фонд ба андозаи 100% ва мӯҳлати фурӯши а мвол т о 2 с ол п ешбинӣ к ардан а з м анфиат холӣ намебуд.

Тибқи банди 34 қарзҳои таснифшуда танҳо баъди пурра иҷро кардани ӯҳдадориҳои муштарӣ ( аз р ӯи м аблағи а сосӣ в а ф оизҳои ҳ исобшуда) ва дар давоми 6 моҳ бе вайронкунӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ аз рӯи шартнома аз нав тасниф карда шуда ба гурӯҳи хавфи пасттар гузаронида мешаванд ва Фонд мувофиқи онҳо кам карда мешавад. Бинобар шароити бӯҳрон, хоҳиш менамоем, ки мӯҳлати барқарорсозии ФПТИ аз рӯи қарзҳо баъди хуб шудани сифати қарз, аз 6 моҳ то 2 моҳ кам карда шавад

**5. ҶСП ТАКХ "Бунёд-М":**

1. Банди 38 Дастурамали №177 бо назардошти суст гаштани ҳолати молиявии харидорӣ ва бӯҳрони иқтисодӣ хориҷ карда шавад.

**6. ҶСП ТАКХ "Ҳумо":**

1. Кодекси андоз моддаи 115;
2. Дастурамали Бонки миллӣ №177 ва №196;
3. Кодекси андоз моддаи 251.

**7. ҶДММ ТАКХ "Матин":**

1. Кодекси андоз;
2. Дастурамал оид ба муайян намудани маблағи тарҳи иҷозатшуда аз даромади умумӣ нисбати қарзҳои беэътимоди (шубҳаноки) бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд;
3. Дастурамали 199;
4. Дастурамали 196;
5. Дастурамали 177.

**8. ҶДММ ТАКХ "Арғун":**

Бо мақсади кам намудани зарар ва фоидаовар фаъолият намудани ташкилоти қарзӣ дар кадом қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ворид намудани тағйироту иловаҳоро зарур мешуморед? (кадом модда ва асос барои тағйирот ворид намудан):

Пешниҳод:

1. Талаботи банди 4 моддаи 115 боби 18 КА ҶТ аз нав дида баромада шавад, зеро талаботи банди мазкур андозбандии дукаратаро тадбиқ менамояд ва ба банди дигари КА мухолифат мекунад. (дар ҳолати ташкили фонди захира, аз хароҷот андозбандӣ мешавад ва дар ҳолати дар банди мазкур гуфташуда ба ҳисоби даромад бозгардонидани маблағи фонди захиравӣ, аз даромад андозбандӣ

карда мешавад). Иҷроиши талаботи банди мазкур барои фаъолияти молиявии Ташкилотҳои қарзӣ таъсири манфии худро расонида истодааст.

2. Аз нав дида баромадани талаботи Дастурамали №177 БМТ оиди ташаккул додани ФПТИ аз ҳаҷми умумии қарз, дар ҳолати батаъхир андохта шудани кисми қарзи асосӣ ва ё фоиз. Дар шароити имрӯзаи бӯҳрони молиявӣ бинобар аз тарафи мизоҷон сари вақт пардохт нагардидани қарзҳо, ташкилдиҳии ФПТИ ба ташкилотҳои қарзӣ бисёр гарон афтода, боиси бо зарар ҷамбаст намудани фаъолияти молиявии онҳо гардида истодааст, ки ҳолати мазкур боиси норозигӣ аз тарафи нозироти андоз шуда истодааст.

3. Бинобар бо назардошти шароити имрӯзаи бӯҳрони молиявӣ дастгирӣ намудани мизоҷони худ ва ба онҳо пешниҳод намудани имтиёзҳо, ташкилотҳои қарзӣ низ ба дастгирӣ ва имтиёзҳо эҳтиёҷ дорад.

4. Ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба қонунҳои амалкунандаи ҶТ доир ба истеҳсолоти судӣ ва мукаммал намудани бандҳои он, ки ба истеҳсолоти судӣ ва иҷроиши санадҳои судӣ вобастагӣ дорад, лозим мешуморем. Зеро дар рафти ҳалли масъалаҳо, доир ба рӯёниши қарзҳо тариқи судӣ, ташкилотҳои қарздиҳӣ ба якчанд муаммоҳо дучор омада истодааст.

Ба монанди:

а. Бинобар кашолёфта будани раванди истеҳсолоти судӣ ва мӯҳлати иҷроиши санадҳои судӣ, ташкилотҳои қарздиҳӣ зарари молиявӣ ва маънавӣ дида истодаанд.

б. Ҳамчунин баромадани ҳалномаи суд (нисбати қарзҳое, ки бо асъори хориҷӣ дода шудаанд) бо асъори миллӣ, ки бо қурби БМТ дар санаи додани аризаи даъво муттаносиб карда мешавад, бо сабаби назаррас будани фарқияти қурб, таъсири он ба фаъолияти молиявии ташкилотҳо манфӣ расонида шуда, ба иҷрои ӯҳдадориҳои ташкилот низ бетаъсир намемонад. Боис ба қайд аст, ки маблағи амонатгузорону кредиторон, ки бо асъори хориҷӣ ба ташкилот ҷалб ва қабул карда шудааст, бояд ба онҳо бо ҳамон асъор баргардонида шавад.

в. Бо сабабҳои дар боло овардашуда, мизоҷон (мизоҷони беинсоф) манфиати худро оиди ба суд муроҷиат намудани ташкилотҳои қарзӣ фаҳмида истода, ба ташкилотҳои қарзӣ "Ба суд муроҷиат намоед" гӯён талаб доранд, ки ҳолатҳои мазкур барои вайрон намудани интизоми ҳамкории мизоҷон ва ҳамчунин ба зиёдшавии қаллобон,фиребгарон ва нафароне, ки ба қонунҳои амалкунанда итоат намекунанд (аз қонун наметарсанд), мусоидат менамояд.

г. Инро бояд қайд кард, ки дар ҳолати бо таври бояду шояд иҷро накардани ӯҳдадориҳои қарзӣ аз тарафи мизоҷони қарзгирифта, ташкилот низ ба мушкилотҳои молиявӣ вобаста ба иҷроиши ӯҳдадориҳои худ дар назди амонатгузорон дучор меояд, ки ҳолати мазкур боиси ба миён омадани нобоварии халқ нисбати низоми бонкӣ хоҳад гардид.

**9. ҶДММ ТАКХ "Рушди Ориён":**

Пешниҳод:

1. ФПТИ факат ба маблаги бозмонда хисоб карда шуда, маблаги бозмонда ба суратхисоби бозмонда гузаронда шавад. Дар айни замон агар 1 ё 2 пардохт бозмонда бошад хама маблаги карзи ба суратхисоби бозмонда чи хели ки хатари карз хисоб карда шудааст ба суратхисоби бозмонда гузаронида мешавад ва маблаги бозмондаро зиёд мекунад, ки ин ба фаъолияти молияви ташкилот зараровараст.

2. Мӯхлати гурӯххои ғайриқолабӣ, шубҳанок, хатарнок ва беъэтимод аз дигар дида баромада шуда зиёдтар хисоб карда шаавад. Барои он, ки дар айни замон кризиси молияви ба хамаи мизочон таъсиррасон мебошад. (Дастурамали БМТ 177 банди 32).

**10. ҶДММ ТАКХ "Тиҷорат":**

Пешниҳод:

1. Ҳоло бояд қайд намуд,ки таъсири буҳрони молиявии ҷаҳон дар соҳаҳои гуногуни иқсисодиёти ҷумҳурӣ таъсири манфии худро расонида истодааст ,аз ҷумла дар низоми ташкилотҳои қарзи дида мешавад.Бояд қайд намоем,ки барои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ нақшаҳои чорабиниҳо аз тарафи ташкилот ,барои кам намудани ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтода ва беэтимод чораҳои воқеъи андешида дар амал иҷро намуда истодаем;

2. Барои бештару хубтар намудани сифати сандуқи қарзи бо назардошти фонди пушонидани талафотҳои имконпазир дуруст ва аниқ нишон додани он боиси кам кардани хавфҳо хоҳад гардид.

**11. ҶСП ТАКХ "Амлок":**

1. Хуб мешуд, ки амволи ба гарав гузоштаи қарзгирон мувофиқи шартномаи гарав бе дахолати мақомоти Судӣ ба фурӯш бо розигии тарафайн баровард шавад.

**12. ҶДММ ТАКХ "Молия ва сармоя":**

1. Дар ҳуҷҷатҳое, ки БМТ қабул мекунад тағйирот ва илваҳо надорем;

2. Кодекси андози ҶТ барои васеъ намудани фаҳмидани он шарҳҳо барои мизоҷон чопӣ шавад.

**13. ҶДММ ТАКХ "Арванд":**

1. Дар Кодекси андоз ворид намудани имконият ба хароҷоти тарҳшуда бурдани зараре, ки дар натиҷаи муфлисшавии бонкҳои мукотиб дар хориҷи кишвар;

2. Бекор намудани талаботи моддаи 34 дастурамали №177 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифродаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо".

**14. ҶДММ ТАКХ "Азизи-Молия":**

1. Санаду меъёрҳои амалкунанда қонеъ намуда истодаанд.


*Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ*
*ва бозомӯзии кормандон*
*тел: (44) 600-31-06*